ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Дастурамал «Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории №1-ГПН "Ҳисобот оид ба гардиши пули нақд"

Лоиҳаи Дастурамали мазкур мутобиқи қисми 4 моддаҳои 42 ва 86 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия гардида, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пур кардани шакли ҳисоботи оморӣ оид ба гардиши пули нақдро муайян менамояд.

Қайд карда мешавад, ки айни замон аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба гардиши пули нақд якчанд шаклҳои ҳисоботӣ пешниҳод мегардад, ки дар онҳо нишондиҳандаҳои оморӣ ба пуррагӣ нишон дода намешаванд.

Дар доираи лоиҳаи Дастурамали мазкур тартиби пешниҳоди ҳисобот оид ба гардиши пули нақд ба танзим даровардa мешавад, тарзи пур кардани он муқаррар мегардад ва нишондиҳандаҳои оморӣ ба пуррагӣ нишон дода мешаванд.

Ба шакли ҳисоботи омории №1-ГПН воридшавӣ ва хориҷшавии (содиршавии) пулҳои нақд ба воситаи хазинаҳои муомилотии БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи намуди амалиётҳо, аз ҷумла бақияи маблағҳои пулӣ дар аввал ва охири давраи ҳисоботӣ, гардиши маблағҳои пулӣ дар кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ ва дигар тағйиротҳо доир ба гардиши маблағҳои пулӣ дар давраи ҳисоботӣ дарҷ карда мешаванд.

Инчунин, ҷиҳати аз байн бурдани якчанд шаклҳои ҳисоботӣ, ки фаъолияти кории ташкилотҳои қарзии молиявиро дар пешниҳоди ҳисобот осон мегардонад, ба расмият даровардани он зарурияти таҳия ва қабули Дастурамали мазкур ба миён омадааст.

Шакли ҳисоботи омории №1-ГПН "Ҳисобот оид ба гардиши пули нақд" тавассути портали иттилоотии «Равзанаи ягона»-и Бонки миллии Тоҷикистон дар реҷаи вақти воқеӣ «он-лайн» бо имзои электронии рақамӣ (*ИЭР*)-и роҳбари ташкилоти қарзии молиявӣ ё шахси ваколатдорнамудаи ӯ ҳар рӯз на дертар аз соати 15:00 рӯзи оянда пешниҳод карда мешавад.

Муовини Раис М. Накҳатзода